**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, биноии таълимии 7, ауд 102)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст**

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир мунтазам рушд намуда истодааст. Дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт пояҳои бозории инкишофи он паҳн гардида, татбиқ карда мешаванд. Кишоварзӣ бахши муҳимми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ёфта, соҳае мебошад, ки аксари аҳолии камбизоати мамлакатро бо фаъолияти иқтисодӣ фаро гирифта, манбаи асосии даромади оилаҳои онҳост.

Субъектҳои хоҷагидории дар соҳаи кишоварзӣ фаъолияткунанда ба дигаргуниҳои низоми иқтисоди бозорӣ мутобиқ гардида, фаъолияти худро дар шароити гаронии маводи сӯхту ашёҳо, ноустувории пояҳои моддию техникӣ ва дигар сабабҳои объективию субъективӣ бо мушкилӣ пеш мебаранд. Рушди низоми босамари истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ ба фаврияти ахборӣ барои идоракунӣ зарурӣ талаботҳои хосса мегузорад. Дар рушди корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ мукаммалгардонии раванди идоракунии онҳо аҳаммияти бузург дошта, мавқеи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва назорат боло меравад.

Дар чунин шароит ба масъалаҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, хосса баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ на он қадар диққати муҳим дода мешавад. Маълумотҳои дар ҳисоботи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ ҷойдошта имконият фароҳам меоранд, ки натиҷаҳои молиявӣ ва вазъи молиявии имрӯзу фардои корхонаҳои кишоварзӣ баҳодиҳӣ

ва ояндабинӣ карда шаванд. Ҳамаи ин рақаму далелҳо аз мубрамият ва рӯзмарра будани мавзуи диссертатсия гувоҳӣ медиҳад.

Дар автореферат оварда шудааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили илмию амалии бисёрсолаи муаллиф доир ба ҷанбаҳои гуногуни рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзиро фаро гирифтааст. Пешниҳодҳои коркардшуда метавонанд аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар такмили танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот истифода шаванд. Баъзе пешниҳодҳои ҷудогонаи муаллиф ба корхонаҳои соҳаҳои кишоварзӣ имконият медиҳанд, ки барои татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот корҳоро пеш баранд.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳими автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ аҳамият медод:

Яке аз роҳҳои ҳалли масъала аз он ҷумла дар рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ - ин омӯзиши таҷрибаи пешқадами дунё ва истифодаи дастовардҳои он дар шароити Ҷумҳурии мо мебошад. Аз ин рӯ хубтар мешуд, агар муаллиф таҷрибаи пешқадами дунёро оиди рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, истифодаи дастовардҳои пешқадами онро дар шароити Ҷумҳурии мо тавсия медод, боз ҳам мазмуну мундариҷаи кори илмии мазкурро бой мегардонид.

Пешниҳоди мазкур хусусияти маслиҳатӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ расонида наметавонад. Аз ин ҷост, ки новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта автореферати рисолаи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо пурра асоснок гардидаанд.

Бинобар ин чунин хулоса намудан мукин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии рушди баҳисобгирии идораку-

нӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулотро дар соҳаи кишоварзӣ ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи ‘Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ” аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин арзандаи дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
Академики АИКТ, директори
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии АИКТ Пиризода Ҷ.С.

Имзои Ҷ.С. Пиризода– ро тасдиқ менамоям,
Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии АИКТ Икромова М.Қ.

КАДРҲО
ОТДЕЛ
КАДРОВ

Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои Кишоварзии Тоҷикистон
**Суроға:** 734049, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, 306
**Тел.:** (+992) 918 72 16 80
**Почтаи электронӣ:** jalil-22@mail.ru